Ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ( 734061, ш. Душанбе, кучаи Деҳотӣ, 1/2)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Абдуллозода Хосамоҳ Худойдод дар мавзуи «Таҳкими сиёсати давлатии мусоидат ба таъмини шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти унвони дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат**

Дар ҷараёни тадқиқот Абдуллозода Хосамоҳ Худойдод кушиш ба харҷ додааст, ки доир ба мавзуи мазкур масъалаҳои дар пеш гузоштаашро бо сифати хуб ва дар сатҳи баланд иҷро намояд. Гузариши кишвар ба зинаи индустриалӣ-аграрии иқтисодиёт ва саноатикунонии босуръат муҳим арзёби гардида, таҳқиқоти амиқ ва асосноккунии илмиро тақозо дорад. Дар автореферати диссертатсия таъкид гардидааст, ки давраи ислоҳоти иқтисодию аграрӣ, тамоюли рушди ноустувори истеҳсолоти кишоварзӣ, паст шудани иқтидори молиявии хоҷагиҳо, коҳиш ёфтани инфрасохторҳои иҷтимоию истеҳсолӣ ва соҳаҳои дигари иқтисодиёти деҳот ба назар мерасад. Аз ин рӯ муаллиф пешниҳод намудааст, ки яке аз мушкилоти асосӣ дар деҳоти ҷумҳурӣ, ин сатҳи пасти ҳосилнокии меҳнат ва музди меҳнат буда, сабаби инкишоф ёфтани шуғлнокии алтернативӣ, аз ҷумла, шуғли ғайрирасмӣ мебошад.

Муаллиф дар кори илмии худ кушиш намудааст, ки аз адабиётҳои нави ватанӣ истифода бурда, мазмун ва мақсади кори диссертатсионияшро пурратар гардонад. Дар ҳақиқат тавонистааст, ки адабиётҳои ватаниро самаранок истифода бурда, нисбати фикри дигар олимон ақидаҳои худро баён намояд. Дар автореферати диссертатсия барои омӯзиши адабиёти иқтисодии бунёдӣ доир ба таҳқиқоти шуғлнокӣ пеш аз ҳама ба мафҳуми шуғлнокии аҳолӣ ҳамчун категорияи бунёдии иҷтимоӣ-иқтисодие, ки барои амалисозии талабот ва манфиати инсон ба меҳнат ва ҳуқуқи инсон ба меҳнат алоқаманд аст, пешниҳодҳо

овардааст, ки дар он муаллиф шарҳи васеи шуғлнокиро аз рӯи ду мавқеъ баён менамояд:

Якум мавқеи истеҳсолот ва андӯхт, ки таъмин кардани аҳолиро бо ҷойи кор муайян менамояд;

Дуюм раванди таъминкунии аҳолӣ бо воситаҳои аввалиндараҷаи ҳастӣ, яъне аз мавқеи ташаккул ва истифодаи фонди истеъмолӣ.

Дар автореферати диссертатсия ба таҳлили ҳолати истифодаи заминҳои кишоварзӣ, ки на танҳо захираҳои муҳимтарин ё омилҳои рушди истеҳсолоти кишоварзӣ, балки қисми муҳимми фаъолият мебошад, таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намудааст.

Муаллиф дар автореферат шуғлнокии алтернативро асосан дар машғулиятҳои анъанавӣ, корҳои сохтмонӣ, савдо, хизматрасониҳои ғайрирасмӣ дар бозори дохили деҳот таҷассум меёбад, баён намудааст. Дар ин ҳолат, сиёсати давлатӣ доир ба мусоидат ба шуғли алтернативӣ бояд ба стратегия ва принсипҳои банақшагирии татбиқи барномаҳои мақсаднок дар таъмини рушди иқтисодиёти деҳот, ки механизми асосии он аз дастгирии шуғли алтернативи, яъне дастгирии ҷойҳои кории ғайриаграриро дар деҳот дар бар мегирад, равона гардад.

Албатта, таҳқиқоти диссертатсионӣ комилан дар автореферат дарҷ намеёбад, бинобар ин, дар мавриди мутолиаи автореферат эроду пешниҳодҳоро ба миён меорад.

1. Самтҳои асосии мукаммалгардонии методҳои шуғли алтернативӣ нисбатан маҳдуд шарҳ дода шудааст.

Камбудии дар боло қайдшуда, моҳияти назариявӣ ва амалии автореферaтро кам намекунад ва дорои характери тавсиявӣ мебошанд.

Хулоса, бояд ҳаминро қайд намуд, ки автореферати диссертатсияи Абдуллозода Хосамоҳ Худойдод дар мавзуи «Таҳкими сиёсати давлатии мусоидат ба таъмини шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат мебошад.

**Тақриздиҳанда,**
н.и.и. дотсент, дотсенти кафедраи
молия ва қарз дар комплекси агросаноатии
Донишгоҳи агарарии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, дотсент Олимов А.Х.

Дурустии имзои н.и.и., дотсент А.Х. Олимовро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳои Донишгоҳи аграрии
Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур Қурбонзода А.Х.

*Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, х. Рудакӣ 146. Донишгоҳи агарарии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур,Тел: (+ 992 37) 224 72 07, Web: www. tajagroun.tj. E-mail: rectorat31@mail.ru, Olimov-1976@mail.ru,*
*Моб: + 992 917 05 90 90*

24.01.2026